# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар мавзуи «Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилти олии касбӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Диссертатсия дар мавзуи «Такмили андозбандии муассисаҳои олии касбӣ дар шароити муосир» аз ҷониби Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо, 29 – уми майи соли 1988 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2006 – 2012 донишҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Соли 2012 – 2015 донишҷӯи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Соли 2015 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз хатм кардааст .

Аз соли 2012 то соли 2017 ассистенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ.

Аз соли 2017 то соли 2020 ассистенти кафедраи андоз ва андозбандӣ, аз 31 марти соли 2020 то инҷониб муаллими калони кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мебошад.

**Мубрамияти мавзуи** интихобгардидаи таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмаризозода Б.М аз он бармеояд, ки яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ин дастгири давлатӣ ва танзими низоми андозбандӣ ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин, мақсади мавзуи диссертатсия аз таҳияи муқаррароти назариявию методӣ, таҳлил ва тавсияҳои илмию амалӣ оид ба мукаммалгардонии танзими андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иборат буда, дар он вазифаҳои гузошта шуда, аз қабили: омӯзиш, таҳия ва муайян кардани асосҳои назариявию илмии андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; таҳқиқ ва ошкор намудани асосҳои методии раванди андозсупории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; омӯзиши таҷрибаи хориҷии андозбандӣ ва ҷойгиронии ҷанбаҳои муфиди он ба рушди МТОК; таҳлили вазъ, омӯзиш ва муайян намудани мушкилоти танзим ва маъмурияти андоз ва омилҳои таъсиррасон ба он ва инчунин мукаммалгардонии самтҳои методологии банақшагирии пардохтҳои андозӣ ва тасҳеҳи имтиёзҳои андозбандӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ аз тарафи унвонҷӯ иҷро гардидаанд.

Дар ҳамин асос ва вобаста ба шароити имрӯзаи иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзуи кори диссертатсионии мазкур мубрам буда ва аҳамияти хоса дошта, амалияи татбиқи он метавонад дар оянда ба сатҳу сифати таълим, ба беҳтаргардонии фазои молиявии якчанд муассисаҳои олии касбӣ, инчунин, ба сатҳи некуаҳволии аҳолии кишварамон, хосатан, ба сатҳи даромаднокии довталабону донишҷӯёни гурӯҳҳои шартномавӣ таъсири мусбат расонад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия** – «Асосҳои илмӣ-назариявии андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» ташаккули низоми андоз ва андозбандӣ дар Тоҷикистон, асосҳои методии андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир, мушкилоти танзим ва механизми андозбандӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян шудаанд.

**Дар боби дуюми диссертатсия** – «Баҳодиҳии иқтидори иҷтимоӣ-иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳлили андозбандии онҳо» таҳлили ҳолати кунунӣ ва раванди андозсупории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамзамон омилҳои таъсиррасон ба андозбандии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва истифодаи таҷрибаи хориҷии андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

**Дар боби сеюми диссертатсия** – «Самтҳои мукаммалгардонии механизми андозбандии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» самтҳои асосии такмилдиҳии низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, имтиёзҳои андозбандӣ ҳангоми татбиқи такмили механизми он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва мувофиқкунонии (оптималикунонии) низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳия карда шудааст.

**Дар хулосаи диссертатсия** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ аз тарафи муаллиф ҷамъбаст карда шуда, тавсияву пешниҳодҳои хусусияти назариявӣ ва амалидошта пешниҳод гардидаанд.

Навгониҳои илмии диссертатсия дар асоснок намудани заминаҳои назариявию методологӣ ва методӣ оид ба мазмуну мундариҷаи таҳлили

ҳолати андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, вазъи онҳо, инчунин коркарди як қатор тавсияҳои амалӣ нисбат ба ташаккули муносибатҳои нави андоз, ки дар натиҷа вазъи молиявии андозсупорандагон беҳтар мегардад ва ба кам гардидани вазни сарбории маблағи таҳсили донишҷӯён мусоидат мекунад.

Ҳангоми таҳқиқот омӯзиш ва истифодаи ҳамаҷонибаи давлатҳои пешоҳанг, ки дар онҳо низоми маориф махсусан, фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ афзалияти аввалиндараҷа дорад ва дар асоси нишондиҳандаҳои воқеии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тарзу усулҳои таҳлили иқтисодӣ-риёзӣ, муқоисавӣ, миқдорию сифатӣ гузаронида шуда, барои рушди соҳаи мазкур пешниҳодҳои илман асоснок тавсия шудаанд;

Дар раванди таҳқиқот баҳодиҳи ба вазъи воқеии низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дар ин асос таҳия ва татбиқи амсилаи иқтисодию математикӣ барои ҳамоҳангсозии омилҳои асосии таъсиррасон ба низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва самтҳои такмилу танзими он гузаронида шудааст.

Ҳамзамон дар заминаи таҳқиқот муайян кардани самтҳои асосии такмили механизми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ раванди банақшагирии пардохти андозҳо, имтиёзҳои андозбандӣ ва роҳҳои мукаммалгардонии он дар шароити муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Саҳми шахсии довталаб дар иҷрои интихоби мавзӯи илмӣ, нақшаи кори диссертасионӣ, дарёфти сарчашмаҳои илмӣ, таҳлилӣ, асосноксозӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, мубрамият ва аҳамиятнокии он, таҳия ва асоснокгардонии навгониҳои илмӣ назаррас арзёбӣ мегардад.

Аз ин лиҳоз, дар асоси гуфтаҳои боло, кори диссертатсионии унвонҷӯ Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар мавзуи «Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилти олии касбӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз тадқиқоти мустақили ба итмом расида мешуморам, ки дар сатҳи мувофиқ ва мукаммали илмӣ-амалӣ иҷро гардида, дорои навгониҳои илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯй мебошад ва ба ҳимоя тавсия дода мешавад.

Кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзуи «Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилти олии касбӣ дар шароити муосир» анҷомёфта буда, аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯй ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ мебошад.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти диссертатсионӣ мантиқан кори мустақили илмию таҳқиқотии дорои муҳимияти муҳими иҷтимоию иқтисодии ҳалли масъалаҳои илми ҳисобида шуда, барои ҳимоя тавсия мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илми иқтисодӣ, дотсент** **Султонов З.С.**

**Имзои «Султонов З.С.»-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДТТ** **Пирзода С.С.**
"20" 01 2025с.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН • ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОММЕРЦИИ
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ